# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 343 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, **мувофиқат дорад**.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳадафи диссертант муайян намудани ҳодисаи сермаъноӣ (полисемия)-и ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ буда, ҳамзамон, дар заминаи он ошкор кардани маънои асосӣ, тобишҳои маъноӣ, омилҳои асосии сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва низ аз мақсадҳои асосии таҳқиқ буда, пажуҳиши онҳо **аз ҷумлаи мавзуъҳои мубрами забоншиносии тоҷик** аст.

Агарчи таҳлилу баррасии масъалаи мазкур дар Тоҷикистон бесобиқа нест, мавзуи баҳси муаллиф дар рисолаи мазкур барои илми забоншиносии муосири тоҷик як навъ даричаи дигареро боз мекунад, зеро ба андешаи муаллифи диссертатсия, «сохтори наҳвии забони тоҷикӣ чун яке аз мавзуъҳои калидии илми забоншиносии тоҷик бахшҳои гуногунро фаро гирифта, яке аз паҳлуҳои асосии он омӯзиши масъалаҳои синкретизм, аз ҷумла, сермаъноӣ ва тобиши иловагии маъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст» (диссертатсия с.4-5).

Аслан, масъалаи муайян намудани маънои асосӣ, бавежа сермаъноӣ ё тобиши иловагии маъно дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, кори саҳл набуда,

бидуни пажуҳиши он наметавон, ки дақиқан ҷумлаҳои пайравро ба навъҳо ва ё сарҳади онҳоро бо сарҷумла ҷудо кард, муродифоти ҷумлаҳои пайравро сареҳан бозгӯ намуд ва хелҳои дигари воҳидҳои сохтории наҳвро мушаххас сохт. Албатта, таҳқиқу баррасии масоили мазкур таҷриба ва омодагии шоистаро талаб мекунад, ки диссертатсияи мавриди баҳси мо низ иқдоми хуб дар омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ буда, моро ба паҳлуҳои дигари ин масъала ошно менамояд.

Муаллифи диссертатсия бо дарки ин муҳиммият менависад: «Аз ҷониби дигар, маҳз омӯзиши ҳамаҷонибаи сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба ошкор намудани табиати забон ҳамчун омили баёни фикр ва мулоҳизаронии мантиқӣ мусоидат менамояд» (диссертатсия, с. 6).

Роҷеъ ба мураккабии пажуҳиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷойи баҳс нест ва мусалламан, ба сифати қолаби муҳимму муфассалтари баёни матлаб шинохта шудани онҳо, аз нигоҳи дигар, ифодаи матлабест, ки онҳо шоистаи таҳқиқи амиқу дақиқтаранд. Дар ин замина, рӯйи кор омадани пажуҳишҳои диссертатсионӣ амри саривақтӣ, зарурӣ ва ба илми забоншиносии тоҷик судманд буда, муаллифи диссертатсияи мавриди назар то ҷое тавонистааст, ки масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ (масъалаҳои назарӣ, давраҳои омӯзиши масъалаҳои мазкур, меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва дар забони адабии тоҷикӣ)-ро ба риштаи таҳқиқ кашад.

Аз ин ҷо, таҳқиқи монографии масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар илми забоншиносии тоҷик **аз ҳар ҷиҳат мубрам аст**, чунки бидуни омӯзиши ин мавзуъ муайян намудани масъалаи сермаъноии ҷумлаҳо дар илми забоншиносии тоҷик мукаммал нахоҳад буд.

Илова бар ин, муаллиф кӯшидааст, ки меъёрҳои ҷудо кардани масъалаи тобишҳои семантикӣ ва синтаксисии ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ,

омилҳои асосии сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави дуузва ва зоҳиршавии онҳо дар забони адабии тоҷикиро муайян гардонад, хусусиятҳо, омилҳои асосии сермаъношавии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузваро дар асоси насри бадеии муосир таҳқиқ кунад ва тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузваро дар асоси мутуни бадеӣ таҳлил, тасниф ва баррасӣ намояд.

Дар кори диссертатсионии мавриди назар, ҳамчунин, нақши воситаҳои грамматикӣ, мувофиқати шаклҳои феълӣ – хабарҳо, калимаҳои ҳамнисбат ва омилҳои дигар дар зоҳиршавии сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва муайян шуда, то ҷое имконоти забони тоҷикӣ дар ифодаи фикрҳои гуногун дар қолаби ягона ва қолабҳои наҳвии забони тоҷикӣ дар ифодаи хулосабарориҳои фикрӣ ошкор гардида, алоқамандии мутуни бадеӣ ва вазъи воқеии нутқ дар зоҳиршавии сермаъноии ҷумлаи пайрав баён гардидаанд.

Мутуни адабӣ маъхази асосии омӯзиши қонунмандиҳои забонӣ буда, вазъи забони адабӣ низ маҳз дар адабиёти бадеӣ ба таври шоиста инъикос ёфтааст. Аз ин ҷост, ки дар ҳамаи давру замон ғавру баррасии масоили марбути забон дар мисоли мутуни адабӣ сурат мегирад, ки дар диссертатсияи мазкур низ таҳлили ҷанбаҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ рӯйи мутуни бадеӣ (асосан, асарҳои маъруфи С.Айнӣ, С.Улуғзода, П.Толис, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, У.Кӯҳзод, Кароматуллои Мирзо, Ф.Муҳаммадиев, Абдулҳамиди Самад) қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии илмии таҳқиқ дар он аст, ки аввалин маротиба дар диссертатсия хусусиятҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва бар мабнои ғаври назари муҳаққиқон мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифта, дар заминаи мутуни бадеӣ («Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Ёддоштҳо», «Шодӣ», «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи

Бухоро», «Тахти вожгун», «Ҳайҷо», «Ишқи сархӯр», «Дар орзуи падар», «Палатаи кунҷакӣ», «Сози мунаввар», «Дар он дунё», «Гардиши девбод», «Ёр дар бари ёр», «Субҳи ҷавонии мо», «Восеъ», «Фирдавсӣ») мисолҳо таҳлил ёфта, хусусияти сермаъноии синтаксисӣ, фарқи он аз тобишҳои семантикии ҷумлаи пайрав баррасӣ гардида, таъсири он ба ҷудо ва муайян намудани хели ҷумлаи пайрав нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсияи мавриди назар исбот карда шудааст, ки омилҳои сермаъношавӣ дар хелҳои мухталифи ҷумлаҳои пайрав вобаста ба махсусияти фикррониии мантиқӣ якхела набуда, вобаста ба иртиботи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, муносибатҳои сабабу натиҷагӣ, замонӣ, шартӣ, хилофӣ, муайянкунандагӣ дар хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав онҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Абдураҳмонова М.А. барои анҷом додани таҳқиқи илмӣ дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 14 банд пешниҳод кардааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, сермаъни ҷумлаҳои пайрав, тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави якузва, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда ва ҳол бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои фаслу бобҳоро инъикос менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар рафти таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ муаллиф аз дастовардҳои назарию амалии забоншиносони ватаниву хориҷӣ ва равишҳои муосири илмӣ истифода кардааст, ки хулосаҳои ӯ барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои бунёдии забоншиносӣ роҳнамои хуби методологие хоҳанд буд. Довталаби дараҷаи илмӣ нахустин маротиба ба таври густарда масъалаҳои назарии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, давраи аввал ва дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, меъёрҳои таснифоти

ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик дар шакли диссертатсия таҳқиқ ва ҷамъбаст намудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 20 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати забон ва рӯйхати интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар **муқаддима**и диссертатсия талаботи пешбинишуда риоя гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифа, объект ва предмети пажуҳиш, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва навоварию сарчашмаҳои таҳқиқ, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии диссертант ва тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ муайян шудаанд.

**Боби якум**и диссертатсия **«Масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** унвон дошта, чор зербоб: **«Масъалаҳои назарии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик», «Давраи аввали омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик», «Давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** ва **«Меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик»**-ро дар бар мегирад.

Дар ин боб диссертант ба хулосае омадааст, ки «масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав бо таърихи омӯзиши худи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ алоқамандии устувор дорад. Дар аввалин таҳқиқот, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимие, ки дар забоншиносии рус ва тоҷик таълиф гардидаанд, ишораҳо дар мавриди тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав мушоҳида мешаванд. Масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав бо муайян намудани хелҳои ҷумлаҳои пайрав, маъно ва тобишҳои маъноии онҳо алоқамандии узвӣ дорад, зеро аксарияти муҳаққиқоне, ки ба таснифоти ҷумлаҳои пайрав

машғул шудаанд, бевосита ё бавосита аз ин масъала ёдрас гаштаанд. Таснифоти ҷумлаҳои пайрав масъалаи хеле мураккаб ва баҳсталабе ба шумор меравад, ки ҳанӯз ҳам ба омӯзиши амиқтар ниёз дорад. Он ҳамчун масъалаи хеле вобаста ва узвӣ дар шинохти маъно, тобишҳои маъноӣ, сермаъноии ҷумлаҳои пайрав аст, зеро маҳз принсипи таснифоти дурусти ҷумлаҳои пайрав барои шинохти маънои ҷумлаи пайрав мусоидат менамояд. Таърихи омӯзиши масъалаҳои назариявии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нишон медиҳад, ки мавзуи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ниёз ба омӯзиши амиқтар дорад ва паҳлуҳои норавшани он хеле зиёданд» (диссертатсия с.100-101).

**Боби дуюми** диссертатсия **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони адабии тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, аз панҷ зербоб: **«Баъзе масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва», «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва тобишҳои маънои иловагии он», «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда ва тобишҳои маънои иловагии он», «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо ва тобишҳои маънои иловагии он»** ва **«Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабар ва тобишҳои маънои иловагии он»** иборат аст.

Дар диссертатсия мушаххас гардидааст, ки «ҳангоми ба хелҳо ҷудо кардани ҷумлаҳои пайрав меъёри асосӣ аъзои эзоҳталаби сарҷумла аст. Дар ҷумлаҳои пайрави мубтадо яке аз аломатҳои асосӣ ба шарҳу эзоҳ ниёз доштани ҷонишини дар сарҷумла ба вазифаи мубтадо омада ба шумор меравад, ки гоҳо дар таркиби сарҷумла зикр мешавад, гоҳо дар назар дошта мешаванд» (диссертатсия с. 158).

Дар рисола собит гардидааст, ки хабари сарҷумла дар ҷумлаҳои пайрави мубтадо бо тобиши маънои натиҷа дар шакли мафъулӣ корбурд доранд.

Муаллиф дар ин боб ба хулосае омадааст, ки «ҷумлаи пайрави мубтадо ба туфайли омилҳои гуногун сермаъно мешавад ва, пеш аз ҳама, ба ин

сохтори грамматикии ҷумла, калимаҳои ҳамнисбати дар таркиби сарҷумла овардашуда ё дар назардошташуда, калима, таркибҳои пайвандакӣ, ки дар ҷумлаи пайрав оварда мешаванд, инчунин маънои умумии ҷумлаи пайравро дохил кардан мумкин аст» (диссертатсия с. 164).

**Боби сеюм**и диссертатсия **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва»** ном дошта, он аз 11 зербоб иборат буда, дар онҳо масоили омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал, миқдору дараҷа, монандӣ, сабаб, мақсад, замон, макон, шарт, хилоф, натиҷа ва тобишҳои маънои иловагии он дар забоншиносии тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар боби мазкури диссертатсия муаллиф қайд мекунад, ки «муайян намудани тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва, пеш аз ҳама барои дарки маънои аслии ҷумлаи пайрав ва таснифоти саҳеҳ ва муназзами ин гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии тоҷик мусоидат мекунад» (диссертатсия 303).

Муаллифи диссертатсия дар ин боб ба хулосае омадааст, ки «дар мавриди тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва назари муҳаққиқон як хел нест, агарчи дар бисёр мавридҳо онҳо фикри ҳамдигарро дар атрофи масъалаи мазкур дастгирӣ ё рад намекунанд. Ҳар кадоме аз онҳо назари худро баён менамояд. Тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва агарчи, асосан, аз хусусияти сермаъноии пайвандакҳои тобеъкунанда вобаста бошанд ҳам, аммо дар мавриди муайян кардани хели ҷумлаи пайрав ва маънои асосии ҷумлаи пайрав дар баробари пайвандакҳо омилҳои дигаре мавҷуданд, ки дар намоён шудани тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрав нақши муҳим доранд. Махсусан, шаклҳои феълӣ - хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, калимаҳои ҳамнисбат ё калимаву таркибҳои ишоракунанда, калимаҳои дигари таркиби сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, ки ба маъноҳои гуногуни ҳолӣ далолат мекунанд, дар пайдо шудани маъноҳои иловагии

ҷумлаи пайрав, сермаъно гардидани онҳо саҳми калон доранд» (диссертатсия 301-302).

Дар маҷмуъ, **хулосаҳо**и муаллиф дар 22 банд дарҷ ва бо далелҳои муҳим ва мубрам асоснок гардидааст, ки дар илми забоншиносии тоҷик саҳми арзанда ва назаррас мегузоранд.

**Аҳаммияти илмии** таҳқиқ дар он аст, ки мавод ва натиҷаҳои онҳо дар муайян намудани тобишҳои маъноӣ ва таснифоти ҷумлаҳои пайрав ба хелҳои маъноӣ, таърихи омӯзиши масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, барои омӯзиши табиати ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва муосидат мекунад. Натиҷаи таҳқиқро дар омӯзиши минбаъдаи хелҳои ҷумлаҳои пайрав, синтаксиси забони тоҷикӣ, тамоюлҳои инкишофи сохторӣ ва семантикии ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ истифода намудан мумкин аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар баррасии монографии масъалаҳои илми забоншиносии тоҷик зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми таълими курсҳои тахассусии гуногун оид ба ҷумла, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ метавонад истифода шавад.

Ҳамчунин, мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсияро метавон дар навиштани китобҳои дарсӣ, омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб, сермаъноии ҷумлаҳо, услубиёти забони тоҷикӣ дар факултетҳои филологияи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ ва корҳои магистрӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси забоншиносӣ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабӣ истифода кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар шакли гузоришу маърузаҳо пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии он дар 28 мақола инъикос ёфтаанд, ки 15-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат, ҳамчунин, мақолаҳои навиштаи муаллиф ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ **мутобиқат мекунанд ва ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ доранд.**

Рӯйхати адабиёти истифодашуда (301-то) дар асоси талабот ва меъёрҳо мураттаб гардидааст.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои гузоштаи худро ба пуррагӣ иҷро карда, як пажуҳиши комили илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ мувофиқ аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки зикри онҳо ба манфиати кор аст:

1. Муҳаққиқ дарҷ кардааст, ки «муаллифони таҳқиқоти илмӣ бошанд на ҳамеша дар хусуси тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав ибрози назар намудаанд. Чунончи, М. Н. Қосимова [Қосимова М., 1961], Ш. Рустамов [Рустамов Ш., 1968],Ҷ. Рустамов [Рустамов Ҷ., 1998] дар таҳқиқоти монографиашон дар мавриди тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав бевосита ибрози назар нанамудаанд». Ба фикри мо, ин нуктаи назар асоси илмӣ

надорад, зеро олимони мазкур дар доираи мавзуи бамиёнгузоштаашон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва мо наметавонем, бар он бошем, ки чаро онҳо ба тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав таваҷҷуҳ накардаанд. Асосан, дар диссертатсия масоили марбут ба мавзуъ баррасӣ мешавад ва оид ба масоили номарбут ҷойи сухан нест (диссертатсия, с. 11).

2. Дар диссертатсия гоҳе ифодаю ибораҳо носаҳеҳ ва такрор ба назар мерасанд. Масалан, муҳаққиқ навиштааст, ки «маҳз тавассути таҳлили матни осори насри бадеӣ дигаргуниҳои дар забон мушоҳидашаванда бо далел будани зуҳурот ё баръакс асос надоштани онҳоро собит месозад». Шакли нисбатан саҳеҳи ибораи «осори насри бадеӣ», ба фикри мо, «осори насрии бадеӣ», ё «насри бадеӣ»-ст. Ё муҳаққиқ навиштаст, ки «маҳз асари бадеӣ майдоне аст, ки тамоми унсурҳои забони зиндаро дар он инъикос намудан имкон дорад». Дар ин ҷо инъикоскунандагии майдон саҳеҳ ба назар намерасад (диссертатсия, с. 4, 301).

3. Фасли якуми боби як таҳқиқи васеътар мехоҳад, зеро он ба масъалаҳои назарии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик бахшида шудааст. Овардани андешаи чанде олимони рус ва тоҷик, ба назари мо, кифоя нест. Ҳамчунин, дар ин фасл андешаи шахсии худи диссертант низ муҳим аст (диссертатсия, с. 22-29).

4. Дар диссертатсия ва автореферат ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, услубӣ ва риоя нагардидани аломатҳои китобат зиёд ба чашм мерасанд (диссертатсия, с. 4, 5, 6, 7, 14, 39, 149, 151, 153, 154, 183). Инчунин, дар диссертатсия вожаи “ҳанӯз” гоҳо корбурди бемавқеъ дорад (диссертатсия, с. 6, 7, 29, 48, 104, 111, 147, 165, 177, 208). Илова бар ин, дар диссертатсия вожаи «аъзоҳо» корбурди зиёд дорад, ки ҷамъбандии дубора бар калимаи ҷамъи шикастаи арабист ва шакли нисбатан саҳеҳи он «аъзо»-ст (диссертатсия, с. 9, 18, 29, 30, 31, 34, 37, 59).

5. Тибқи банди 3, зербанди 9 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар

маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, истилоҳоти махсус ва ихтисораҳои дар диссертатсия корбурдёфта дар «Номгӯйи ихтисораҳо», ки пеш аз бахши «Муқаддима» қарор мегирад, гирд оварда мешаванд. Аммо дар диссертатсияи мавриди назар истилоҳоти махсус ва ихтисораҳо (ғ., с., барандаи асосӣ) дарҷ нашудаанд (диссертатсия, с. 25, 39, 50, 93, 279, 299, 302).

6. Муҳаққиқ дар банди сеюми хулосаи диссертатсия чунин навиштааст: “Давраҳои таҳқиқи масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайравро шартан ба ду марҳалаи калон ҷудо намудан мумкин аст: дар давраи аввал муҳаққиқон ба мақсади шинохти хелҳои ҷумлаҳои пайрав ба масъалаи тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав ишораҳо кардаанд. Ин ишораҳо ба туфайли ҳам таҳқиқи бевоситаи ҷумлаҳои мураккаб ва ҳам бо мақсади таълифи дастурҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ сурат гирифтаанд”. Муҳаққиқ роҷеъ ба давраи дуюм иттилоъ надодааст ва умуман, давраҳои мазкур бо солҳо мушаххас нашудаанд (диссертатсия, с. 302, 303).

7. Як қатор адабиёти дар “Рӯйхати адабиёт” дарҷшуда, дар матни диссертатсия корбурд надоранд. Масалан, асарҳои Б.Камолиддинов, ки дар “Рӯйхати адабиёт” таҳти рақамҳои 73, 79, 80 дарҷ гардидаанд (диссертатсия, с. 317).

Эрод ва камбудиҳое, ки зикр шудаанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ба муҳтавои он таъсири манфӣ намерасонанд. Бинобар ин, диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» таҳқиқоти анҷомёфта аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи

бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи
давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Калонова Маҳина Ҷумабоевна

Нишонӣ: 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
тел.: (+992) 92 728 32 28, m.kalonova@mail.ru

Имзои М.Ҷ. Калоноваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ
«Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Сафаров Б.И.

Нишонӣ: 734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Сино 29-31,
тел./факс (+254) 774-528-569; (+992) 44 600 36 21,
info@tajmedun.tj

«30» сентябри соли 2025